**ҚОИДАҲО доир ба иштирок дар Викторинаи “Омехта ҳарфҳо”**

Қоидаҳои иштирок дар Викторинаи “Омехта ҳарфҳо” (аз ин пас - Викторина), ки аз ҷониби ҶСП “Вавилон-Мобайл” аз 1 январи соли 2026 дар минтақаи хизматрасонии шабакаи алоқаи мобилии Оператори алоқа - ҶСП “Вавилон-Мобайл” (аз ин пас - Оператор) ташкил ва баргузор мегардад, ки он хизматрасониҳоро таҳти тамғаи молии (тамғаи хизматрасонии) “Babilon-Mobile, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст, анҷом медиҳад. Қоидаҳои мазкур (аз ин пас дар матн - Қоидаҳо) оферта (аз ин пас дар матн - оферта) мебошанд, ки барои Муштариёни “Вавилон-Мобайл” равона гардидааст. Истилоҳоте, ки дар Қоидаҳои мазкур истифода шудаанд, бо истилоҳоти дар Шартнома истифодашуда мутобиқат мекунанд, агар дар Қоидаҳои мазкур мавриди дигаре мустақиман ишора нашуда бошад.
Фасли 1. Ташкили Викторина
1.1. Викторина аз рӯи обуна амалӣ мегардад ва барои Муштариён пулакӣ аст.
1.2. Ҷоизаҳо танҳо ба суратҳисоби тавозуни мобилии ғолибон гузаронида мешаванд.
1.3. Викторина ба Даврҳо (аз ин пас - Даврҳо) тақсим карда шудааст, ки давомнокии ҳар яки онҳо 3 (се моҳ) мебошад. Натиҷаҳои Викторина дар муддати 10 (даҳ) рӯз баъди ба охир расидани ҳар як Давр мутобиқи Қоидаҳои мазкур ҷамъбаст карда мешаванд. Ҳисобкунии Ҷоизаҳо пас аз итмоми ҳар як Даври Викторина дар муддати 40 (чил) рӯзи тақвимӣ тибқи тартиб ва шартҳои дар Қоидаҳои мазкур муқарраршуда анҷом мегирад.

Фасли 2. Иштирокчиёни Викторина
2.1. Иштирокчиёни Викторина (аз ин пас - Иштирокчиён) метавонанд он шахсони воқеӣ бошанд, ки Муштарӣ ҳастанд ва барои иштирок дар Викторина бо ҳарфчинии USSD-фармони *0930# изҳори хоҳиш намудаанд.
2.2. Иштироки кормандон, намояндагон ва аъзоёни оилаҳои кормандону намояндагони Оператор дар Викторина манъ аст.
2.3. Барои Иштирокчиён истифода бурдани воситаҳои зерин дар Викторина манъ аст:
• ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ - телефони мобилӣ (аз ин пас - телефони мобилӣ) бо SIM-корти Оператор;
• ҳама гуна воситаҳои барномавӣ, аз он ҷумла воситаҳои насбшуда дар телефони мобилӣ, ғайр аз воситаҳои барномавие, ки аз ҷониби Оператор ё Шарики он таҳияву коркард шудаанд;
• воситаҳои барномавии аз ҷониби Оператор ё Шарики он таҳиягардида, ки барои иштирок дар Викторина пешбинӣ шудаанд ва бо ҳар тарзу равише тағйир дода шудаанд, аз он ҷумла аз роҳи дахолат ба рамзи барномавӣ;
• ҳама гуна тарзу равишҳо ва воситаҳои автоматикунонии раванди иштирок дар Викторина.
2.4. Ҳамаи шахсоне, ки бо талаботи бандҳои 2.1 - 2.3 Қоидаҳои мазкур мутобиқат намекунанд ё ин талаботро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина иштирок намоянд ва наметавонанд барои дарёфти ҷоизаҳои Викторина довталабӣ намоянд.
Дар сурати аз ҷониби Оператор ошкор намудани ин гуна шахсон дар ҳар кадоме аз Даврҳои баргузории Викторина, аз он ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супурдани ҷоизаҳои Викторина, онҳо аз ҳуқуқи дарёфти ҷоизаҳои Викторина маҳрум мегарданд.
Маблағҳои пулие, ки ин гуна Иштирокчиён вобаста ба иштирок дар Викторина сарф намудаанд, ҷуброн карда намешаванд.

Фасли 3. Тавсифи Викторина
3.1. Викторинаи “Омехта ҳарфҳо”, ки барои Муштариёни ҶСП “Вавилон-Мобайл” таҳия ва баргузор мегардад, барои Муштариён имконият фароҳам меоварад, ки онҳо дар бозӣ иштирок намоянд, аз ҳарфҳои омехта калимаҳо созанд, холҳоро ба даст оваранд ва ҷоизаҳоро бурд намоянд.
3.2. Викторина қимор, лотереяи ҳавасмандкунӣ ё чорабинии дигаре намебошад, ки ба таваккали баргузории бозӣ ва гарав асос ёфта бошад ва танҳо ҷанбаи шавқовару дилхушӣ ва маърифатию омӯзишӣ дошта, мақсади он боло бурдани завқу рағбати Муштариён нисбати хизматрасониҳои иловагӣ аст.
3.3. Ҷоизаҳои Викторина баъди ба охир расидани ҳар як Давр ба он Иштирокчиёне супурда мешаванд, ки дар раддабандии ҷамъбастии Даври итмомёфтаи Викторина ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро соҳиб гаштаанд (аз ин пас - Дорандагони ҷоиза).
Ҷоизаи асосии солона бошад ба он Иштирокчие супурда мешавад, ки дар тамоми Даврҳо дар давоми соли тақвимӣ зиёдтарин миқдори Ҳисобро ба даст овардааст.
3.4. Ҷоизаҳо тибқи фонди ҷоизавии муқарраршуда супурда мешаванд.
3.5. Ҷоизаҳои семоҳавӣ.
Фонди ҷоизавии ҳар як Давр интернет-трафик мебошад.
Ҷои 1-уми ҷоизавӣ: 60 000 мегабайти интернет-трафик;
Ҷои 2-юми ҷоизавӣ: 30 000 мегабайти интернет-трафик;
Ҷои 3-юми ҷоизавӣ: 10 000 мегабайти интернет-трафик;
Ба ҳар як ғолиби Викторина, ки зиёдтарин миқдори Ҳисобро ба даст овардааст.
Муҳлати эътибории бастаи интернет 3 моҳ аст.

3.6. Ҷоизаи солона.
Ғолиби Викторина дар номинатсияи "Ҷоизаи асосии солона" (1 000 000 Мбайт) он Муштарие хоҳад буд, ки аз рӯи натиҷаҳои ҳамаи Даврҳои Викторина баландтарин Ҳисобро (миқдори калимаҳои сохташуда аз ҳарфҳои омехта) ба даст овардааст. Муҳлати эътибори бастаи интернет 12 моҳ аст.
3.7. Баъд аз фаъолсозии хидматгузорӣ (сервис) аз Муштарӣ 1 TJS/рӯз ситонида мешавад, аз он ҷумла тамоми андозҳо - пардохти ҳаррӯза барои обуна шудан ба Викторина. Ҳамчунин Муштарӣ метавонад бастаи иловагии дорои 5 SMS бо ҳарфҳои омехтаро ба нархи 1 TJS харидорӣ намояд.
Инчунин ӯ метавонад бастаи роҳнамоиҳоро иборат аз 10 роҳнамоӣ бо нархи 1 TJS ба таври номаҳдуд харидорӣ намояд.
3.8. Миқдори саволҳо дар як рӯз: Муштарӣ 5 SMS бо ҳарфҳои омехта дарёфт менамояд.
3.9. Тавсифи Ҳисоб - ин ҳосили ҷамъи калимаҳои дуруст сохташуда аз ҳарфҳои омехта аст, ки баъди ба охир расидани ҳар як Даври Викторина ба сифр баробар карда мешавад.
Барои ҳар як калимаи дуруст сохташуда +1 воҳид ба суратҳисоб гузаронда мешавад.
3.10. Низоми холҳо.
- барои ҳар як калимаи дуруст сохташуда +1 хол дода мешавад.
- холҳо ҷамъ карда мешаванд ва обуначӣ дар ҳар лаҳза метавонад холҳоро ба захираҳои Мбайтҳо табдил диҳад.
- қурби табдил: 1 хол - 1 Мб.
- ҳангоми ғайрифаъол будани обуначӣ аз рӯи холҳо, яъне табдил надодан/ҳадя намудани холҳо ба обуначии дигар холҳо бекор карда мешаванд. Миқдори рӯзҳои ғайрифаъол 31 рӯз аст.
- ба сифати бонус ба Муштарӣ 3 рӯз дода мешавад, то ки ӯ фаъол будани худро зоҳир намояд (ҳамзамон SMS-паёмак дар бораи зоҳир гардидани фаъолият фиристода мешавад, дар ғайри ин сурат холҳои ҷамъшуда бекор карда мешаванд).
- имкони ҳадя намудани холҳо ба дигар обуначӣ вуҷуд дорад, вале барои дарёфти холҳо гиранда бояд ба хидматгузорӣ (сервис) обуна шавад, то ки низоми табдили холҳо ба захираҳои Мбайтҳо роҳандозӣ карда шавад.
- дар сурати ҳарфчинии фармон барои лағв кардани хидматгузорӣ (сервис) суратҳисоб ва холҳо ба сабаби лағви хидматгузорӣ (сервис) бекор карда мешаванд, бинобар ин Иштирокчӣ аз имкони дарёфти ҷоизаи семоҳа ва солона маҳрум мегардад.
3.11. Саволҳои иловагӣ.
Саволҳои иловагӣ - ин имкони дарёфт намудани 5 SMS-паёмаки иловагӣ бо ҳарфҳои омехта аст, ки нархи он 1 TJS барои ҳар як бастаи иловагӣ аст. Ҳангоми посухи дуруст додан ба ҳар як савол +1 хол ва 1 ҳисоб дода мешавад.
3.12. Функсияи пулакии "Роҳнамоӣ".
Обуначӣ ҳамчунин метавонад аз функсияи пулакии "Роҳнамоӣ" бо нархи 1 TJS ба таври номаҳдуд истифода намояд, ки дар доираи он 10 роҳнамоӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳангоми ба кор бурдани ин функсияи иловагии пулакӣ роҳнамоиҳо ба шакли 20% ҳарфҳои кушода дар калима нишон дода мешаванд.

Фасли 4. Тартиби баргузории Викторина
4.1. Иштирокчиёни Викторина дар давоми ҳар як Давр тариқи SMS-паёмакҳо аз рақами кӯтоҳи 0930 ҳар рӯз 5 саволӣ дарёфт мекунанд. Вазифаи Иштирокчиён аз он иборат аст, ки ба таври дақиқ ва ҳар чӣ зудтар аз ҳарфҳои омехта калимаҳо созанд.
4.2. Барои иштирок дар Викторина Муштарӣ бояд аз роҳи фиристодани USSD-дархост ба рақами хизматрасонии *0930# (аз ин пас – USSD-дархостҳо) обунаро ба расмият дарорад. Агар Муштарӣ барои ба расмият даровардани обуна ба Викторина амалҳои зарурӣ анҷом дода бошад, аммо дар тавозуни суратҳисоби вай дар шабакаи алоқа барои пардохти он маблағи кофӣ вуҷуд надошта бошад, обуна барои чунин Муштарӣ ба расмият дароварда мешавад (ӯ дар Викторина иштирок намекунад). Ҳангоми дар суратҳисоби чунин Муштарӣ пайдо шудани маблағи зарурӣ барои пардохти обуна, ба Муштарӣ ҷиҳати иштирок дар Викторина омадани саволҳо оғоз мегардад.
4.3. Баъд аз тавассути Муштарӣ ба расмият даровардани обуна аз суратҳисоби вай дар шабакаи алоқа барои иштирок дар Даври дахлдори Викторина пардохти ҳаррӯза ба андозаи 1 TJS, аз он ҷумла бо дарназардошти ҳамаи андозҳо аз суратҳисоб бароварда мешавад.
Дар сурати кофӣ набудани маблағ дар суратҳисоби Иштирокчӣ барои пардохти рӯзиояндаи Викторина, ӯ дар он иштирок намекунад. Иштироки чунин Муштарӣ дар Викторина баъд аз тавассути ӯ пур кардани суратҳисоб ва оғози рӯзи навбатии Викторина ба таври автоматикӣ барқарор карда мешавад. Пас аз тавассути Иштирокчӣ пур кардани суратҳисоби худ иштироки вай дар Викторина ба таври автоматикӣ барқарор карда мешавад.
4.4. Барои он, ки Иштирокчиён Дорандаи ҷоиза гарданд ва ҷиҳати дарёфти ҷоизаҳо довталабӣ кунанд, онҳо бояд ҳар рӯз аз ҳарфҳои омехта калимаҳо бисозанд ва ин корро дар камтарин муҳлат анҷом диҳанд. Барои интихоби варианти посухи савол Иштирокчиён дар посух ба SMS-паёмаки омада рақамро бо посухи дуруст мефиристанд. Посухи саволи рӯзи Давр то ба охир расидани рӯзи дахлдори тақвимӣ (23:59:59 бо вақти маҳаллӣ) пазируфта мешавад. Ғайр аз посух ба воситаи SMS ҳамчунин имкони посух додан ба саволҳо тавассути Web низ вуҷуд дорад.
4.5. Дар давраи баргузории Викторина саволҳо ба Иштирокчиён тариқи SMS-паёмакҳо аз рақами кӯтоҳи 0930 бо ҳарфҳои омехта фиристода мешаванд, аз он ҷумла паёмакҳое, ки ба расмият даровардани обунаи Викторинаро тасдиқ мекунанд,

дар бораи дархостҳои Муштариён огоҳӣ медиҳанд.
4.6. Агар Иштирокчӣ барои идомаи иштирок дар Викторина майлу хоҳиш надошта бошад, барои ӯ кофӣ аст, ки аз обуна даст кашад. Барои ин бояд ба рақами *0930*00# USSD-дархост фиристода шавад. Дар ин сурат иштирок дар Даври Викторина қатъ гардида ҳисобида шуда, натиҷаи ҷории Иштирокчӣ аз раддабандии Викторина хориҷ карда мешавад.

Фасли 5. Раддабандии Иштирокчиён ва қоидаҳои муайян намудани Дорандагони ҷоизаҳо
Фармонҳо (USSD)
Обунашавӣ ба хидматгузорӣ (сервис): *0930#.
Бекор кардани хидматгузорӣ (сервис): *0930*00#
Меню (USSD)
1. Нарх
2. Дархости бастаҳои иловагӣ
3. Тафтиши холҳо ва суратҳисоб
4. Бозигарони беҳтарин
6. Табдили холҳо ба Мбайтҳо
7. Ҳадя намудани холҳо
8. Истифодабарии роҳнамоии ҳарфҳо (кушодани баъзе ҳарфҳо)
9. Роҳнамоии ҳарфҳо (кушодани баъзе ҳарфҳо)
Фармонҳо (SMS)
Обунашавӣ ба хидматгузорӣ (сервис): ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "1"
Бекор кардани хидматгузорӣ (сервис): ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "0"
Саволҳои иловагӣ: ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "2"
Тафтиши холҳо ва суратҳисоб: ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "3"
Бозигарони беҳтарин: ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "4"
Табдили холҳо: ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "6 ҳаҷми холҳо"
Ҳадя намудани холҳо: ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "7 рақами дӯст ҳаҷми холҳо"
Истифодабарии роҳнамоии (кушодани баъзе ҳарфҳо): ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "8"
Роҳнамоии (кушодани баъзе ҳарфҳо): ирсоли SMS-матн ба рақами 0930: "9"
Web *
Посух ба саволҳо
Тафтиши холҳо
Тафтиши суратҳисоб
Тафтиши холҳо
Ҳадя намудани холҳо
5.1. Баъд аз итмоми ҳар як рӯзи Даври Викторина, бо дарназардошти дуруст будани посухҳои ҳар як Иштирокчӣ ва вақти сарфшуда тавассути Иштирокчӣ барои посух, раддабандии Иштирокчиён тартиб дода мешавад. Баъд аз итмоми ҳар як Давр маълумоти раддабандии ҳаррӯзаи вобаста ба ҳар як Иштирокчӣ ҷамъ карда мешавад ва раддабандии ҷамъбастӣ тартиб дода мешавад, ки дар асоси он Дорандагони ҷоизаи Даври Викторина муайян карда мешавад. Бо мақсади тартиб додани раддабандии ҳаррӯза Иштирокчиёне, ки ба саволи рӯзи Викторина ҳеҷ гуна посух надодаанд, ҳамчун ашхосе дар назар гирифта мешаванд, ки посухи нодуруст додаанд. Ҳангоми муайян кардани вақти сарфшудаи Иштирокчӣ барои посух дар ҳар як рӯзи алоҳидаи Давр, муддати замон аз лаҳзаи посухи аввали Иштирокчӣ ба саволи воридшуда то лаҳзаи посух ба саволи охирини Викторина дар ин рӯз ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ҳисоб гирифтани замони посух бо дурустии то як ҳиссаи миллионии сония анҷом мегирад. Ҳангоми тартиб додани раддабандии ҷамъбастии Даври Викторина дар навбати аввал дуруст будани посухҳо ба саволҳои Викторина ва дар навбати дуюм бошад – суръати посухҳо ба ҳисоб гирифта мешавад. Ин ба он маъно аст, ки Иштирокчие, ки ба саволи Викторина дар нимаи якуми рӯз посухи дуруст додааст, аз Иштирокчие, ки ба саволи Викторина посухи дуруст додааст, вале ин амалро дар нимаи дуюми рӯз анҷом додааст, мақоми болотареро ишғол менамояд. Қабл аз оғози ҳар як Даври нави Викторина натиҷаҳои пешинаи ҳамаи Иштирокчиён ба сифр баробар карда мешаванд.
Фасли 6. Шартҳо ва қоидаҳои дарёфт намудани ҷоизаҳои Викторина
6.1. Баъд аз ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ҳар як Даври Викторина ба Дорандагони ҷоиза SMS-паёмак бо огоҳӣ дар бораи додани ҷоиза фиристода мешавад.
6.2. Барои дарёфт намудани ҷоизаҳо Дорандагони ҷоиза бояд ба Оператор дар муддати 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ҷамъбаст намудани натиҷаҳои Даври Викторина маълумоти шиносномавии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла маълумот дар бораи қайдро пешниҳод намоянд. Иттилоот ва ҳуҷҷатҳои мазкур тавассути Дорандагони ҷоиза ба Оператор ба суроғаи почтаи электронии зерин info@babilon-m.com пешниҳод карда мешавад. Дар сурате, ки Дорандагони ҷоиза дар муддати зикршуда ба Оператор иттилоот ва ҳуҷҷатҳои номбаршударо пешниҳод накунанд, Оператор ҳақ дорад дар бораи насупурдани ҷоизаҳои Викторина, ки ба чунин Дорандагони ҷоиза эҳдо шудаанд, тасмим бигирад.
6.3. Иштирокчиёне, ки банди 2.3 Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, наметавонанд Дорандаи ҷоиза гарданд. Асос барои

хулосабарории Оператор дар бораи вуҷуд доштани чунин вайронкорӣ мавридҳои зерин ҳастанд:
• тавассути Иштирокчӣ фиристодани посух ба савол дар муддати камтар аз 3 сония;

• қонуниятҳои ошкоршуда дар даврияти посуххо ба саволҳо, аз ҷумла тавассути Иштирокчӣ фиристодани посуххо бо фосилаҳои баробари замонӣ ва қонуниятҳои дигар;
• маълумотҳои дигари низоми техникӣ, ки тавассути Оператор ва Шарик барои бо ҳуҷҷат асоснок кардани Викторина (логҳо) мавриди истифода қарор мегирад, зимнан маълумотҳои чунин низом ниҳоӣ эътироф гардида, наметавонанд аз ҷониби Иштирокчӣ мавриди баҳсу даъво қарор гиранд.
Дар ин сурат ҷоиза ба он Иштирокчии Викторина мегузарад, ки дар раддабандии рӯзи дахлдори Викторина нафари баъдӣ мебошад.
6.4. Оператори Викторина дар мавридҳои зерин ҳақ дорад аз додани ҷоиза ба Дорандагони ҷоиза даст кашад:
• агар Дорандагони ҷоиза бо Оператор бо тарзу равише, ки дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур ва дар мӯҳлати муқарраршуда дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, тамос нагирифта бошанд;
• агар Дорандагони ҷоизаи Викторина ба Оператор иттилоот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки дар банди 6.2 Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, пешниҳод накунанд ё ин, ки иттилооти нодуруст ва/ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод намоянд (дар сурате, ки назди Оператори Викторина нисбати дуруст будани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда шакку шубҳае пайдо гардад);
• агар Дорандагони ҷоиза ба меъёрҳои муайян кардани Иштирокчиёни Викторина, ки дар фасли 2 Қоидаҳои мазкур зикр шудаанд, ҷавобгӯ набошанд ва бо онҳо мутобиқат накунанд.
• агар Дорандагони ҷоиза дар давоми соли 2026 беш аз 1 бор дар Викторина ғолиб омада бошанд.
Дар ҳолатҳои зикршуда ҷоиза ба Иштирокчии баъдии раддабандӣ мегузарад.
6.5. Дар сурати даст кашидани Дорандаи ҷоиза аз ҷоиза, дар муддати панҷ рӯз аз лаҳзаи Дорандаи ҷоиза эълон намудани ӯ, вай ӯҳдадор мегардад, ки дар ин бора дар шакли хаттӣ Оператори Викторинаро аз роҳи пешниҳод намудани аризаи хаттӣ дар бораи даст кашидан аз дарёфти ҷоизаи Викторина ба идораи наздиктарини Оператор ҷиҳати ирсоли баъдӣ ба Оператор, огоҳ намояд. Супурдани ҷоизаҳои Викторина ба Дорандагони ҷоиза ё Иштирокчии дигари Викторина дар ин сурат анҷом намегирад.
6.6. Дорандаи ҷоиза барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадориҳои андоз вобаста ба дарёфти ҷоизаҳои Викторина мустақилона масъулият ба зимма дорад.
6.7. Ҳуқуқи гирифтани ҷоиза ба ҷои Дорандаи ҷоиза тибқи тартиби муайяннамудаи қонун дар асоси ваколатнома иҷозат дода мешавад.
Фасли 7. Шартҳои дигар
7.1. Муштарие, ки аввалин USSD-дархостро ба рақами хидматгузории 0930 ирсол медорад, ризояти пурра ва бечунучарои худро бо Қоидаҳои Викторина тасдиқ мекунад, кафолат медиҳад, ки синнаш ба 18 расидааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва Муштарии вобаста ба Шартномае мебошад, ки бо Оператор бастааст ва ҳамчунин тасдиқ менамояд, ки ӯ таҳти меъёрҳои дигари Иштирокчӣ, ки дар фасли 2 Қоидаҳои мазкур зикр гардидаанд, қарор мегирад. Тавассути Муштарӣ фиристодани аввалин USSD-дархост ба рақами хидматгузории 0930 боиси ворид шудани тағйирот ва/ё илова ба Шартнома мегардад, ки Оператор онро бо Муштарӣ бастааст.
7.2. Қоидаҳои мазкур аз 1 январи соли 2026 эътибор пайдо карда, то лаҳзаи тавассути Оператор тағйир додан ё қатъ намудани амалкарди онҳо амал мекунанд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи зикршуда дар огоҳии дахлдор тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд.
7.3. Агар Иштирокчӣ ба суроғаи Оператор дар муддати 10 (даҳ) рӯзи корӣ аз лаҳзаи тағйирёфтан ва/ё қатъ гардидани шартҳои Қоидаҳои мазкури Викторина тибқи банди 7.2 Қоидаҳои мазкур рад намудани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳоро нафиристода бошад ва ҳамчунин агар амалҳоеро доир ба идома додани иштирок дар Викторина, ки тавассути Оператор таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, анҷом дода бошад, баъд аз эътибор пайдо кардани тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳо тағйирот ва/ё қатъ гардидани шартҳо ҳамчун тавассути Иштирокчӣ пазируфташуда ҳисобида мешаванд.
7.4. Зимни иштирок дар Викторина Иштирокчиён дар бораи мавридҳои зерин ризояти худро изҳор медоранд:
• барои дарёфти реклама дар шакли SMS- ва USSD-паёмакҳои вобаста ба Викторина ва ҳамчунин ризоят медиҳанд, ки Оператори Викторина ва низ шахсони тавассути он ҷалбшуда бо мақсадҳои баргузории Викторина, байни ҳам мубодилаи иттилоот менамоянд, аз ҷумла иттилоотеро, ки бо ширкат намудани Иштирокчиён дар Викторина алоқаманд аст, коркард хоҳанд намуд (аз он ҷумла иттилооте, ки марбут ба маълумоти шахсии Иштирокчиён аст ва мундариҷаи USSD-дархостҳои Иштирокчиён);
• дар сурати дарёфт намудани ҷоизаҳои Викторина ному тасвирҳои онҳо, аз ҷумла аксҳои онҳо, мусоҳибаҳо ва ҳамчунин иттилооте, ки тавассути Иштирокчӣ ба Оператор пешниҳод шудааст, метавонанд аз ҷониби Оператор бо мақсади огоҳонидани ашхоси сеюм дар бораи баргузории Викторина бе ризояти иловагии Иштирокчиён ва бе пардохти ягон навъи подош мавриди истифода қарор гиранд.
7.5. Зимни иштирок дар Викторина Муштарӣ ҷиҳати тавассути Оператор ва ҳамчунин аз ҷониби шахсони сеюми тавассути Оператор ҷалбшуда бо мақсади баргузории Викторина анҷом додани амалҳо доир ба ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, пешниҳод намудан ба ашхоси сеюм, коркард ва истифодаи маълумотҳои шахсии чунин Иштирокчӣ барои барқарор намудани тамос

бо Иштирокчӣ дар чорчӯби Викторина, аз ҷумла тариқи шабакаҳои алоқаи барқӣ ва ҳам канали мубодилаи SMS-паёмакҳо ва почтаи электронӣ ризояти ихтиёрии худро медиҳад. Анҷом додани чунин амалҳо тавассути Оператор ва ашхоси ҷалбшуда аз онҳо дарёфт намудани ҳар гуна иҷозат аз Иштирокчӣ ва огоҳониданҳои махсуси Иштирокчиро доир ба анҷом додани амали зикршуда талаб намекунад. Ин гуна ризояти Иштирокчӣ дар давоми давраи баргузории Викторина ва 30 (сӣ) рӯзи тақвимӣ пас аз итмоми он тибқи тасмими Оператор ё баъди бекор кардани обуна ба Викторина аз ҷониби Иштирокчӣ амал мекунад. Иштирокчии Викторина ҳақ дорад ризояти худро зимни бекор кардани обунаи иштирок дар Викторина тибқи тартиби муқарраршуда бозхонад ё дар ин бора дар огоҳии пешбинишуда дар банди 7.4 Қоидаҳои мазкур ишора намояд.
7.6. Оператор барои пайдо шудани нуқсон дар кори таҷҳизот ва/ё таъминоти барномавӣ, ки дар доираи масъулияти Оператор қарор надорад ва/ё барои пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани Викторина ба сабабҳои ҳолатҳои новобаста аз Оператор (ҳолатҳои нерӯи рафънопазир) масъулияте ба зимма надорад.
7.7. Оператор барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ вобаста ба баргузории Викторина масъулияте ба зимма надорад, агар чунин иҷро накардан дар натиҷаи нобуд шудани маълумотҳои шахсии Иштирокчиён ба сабаби бозхондани онҳо аз ҷониби Иштирокчиён рӯй дода бошад.
7.8. Иштирокчиён тамоми хавфҳои вобаста ба тавассути онҳо риоят накардани шартҳои Қоидаҳои мазкурро мустақилона ба зимма доранд. Хароҷоти Иштирокчиён марбут ба иштирок дар Викторина барои Иштирокчиёне, ки Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, ҷуброн карда намешавад.
7.9. Оператор ин ҳақро барои худ маҳфуз медоранд, ки аз додани ҷоиза даст кашанд, агар Иштирокчиёни Викторина қоидаҳои Викторинаро вайрон карда бошанд ё барои дохил шудан ба рӯйхати довталабон барои унвони Ғолиби Викторина амалҳои қаллобӣ содир карда бошанд.
7.10. Иштирокчиёне, ки бо талаботҳо мувофиқат надоранд ё талаботҳои бандҳои Қоидаҳои мазкурро вайрон кардаанд, набояд дар Викторина ширкат кунанд ва наметавонанд барои дарёфти ҷоизаи Викторина довталабӣ кунанд. Дар сурати тавассути Оператор ошкор намудани чунин ашхос дар ҳар гуна Даврҳои Викторина, аз ҷумла ҳангоми ҳамкорӣ бо Иштирокчиён бо мақсади супурдани ҷоизаи Викторина, онҳо аз ҳуқуқи дарёфти намудани ҷоизаҳои Викторина маҳрум мегарданд.
7.11. Барои Иштирокчиён ҳангоми ширкат намудан дар Викторина истифода бурдани ҳама гуна таҷҳизот, ғайр аз дастгоҳи муштарӣ, ки телефони мобилӣ бо SIM-корти Оператор (аз ин пас – "телефони мобилӣ") мебошад, манъ аст.

Фасли 8. Маҳдудияти масъулияти Оператори алоқаи мобилӣ
8.1. Бо фиристодани SMS-паёмак дар чорчӯби Викторина Иштирокчиён (Муштариён) Операторро ваколатдор месозанд ва ризояти худро барои ба Оператор пешниҳод намудани иттилооти шахсии Иштирокчиён (Муштариён) тасдиқ мекунанд, яъне: рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ (Муштарӣ), матни SMS-паёмак ва ҳамчунин сана ва замони ирсоли он.
8.2. Оператор имконияти фиристодани SMS-паёмакро фақат дар чорчӯби минтақаи пӯшиши шабакаи Оператор фароҳам меоварад.

Фасли 9. Эътирозҳо ва мӯҳлати амалкарди онҳо
9.1. Бо мақсади пешгирӣ аз вайрон кардани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, Викторина бо риояи ҷиддии тамоми меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи реклама ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баргузор мегардад.
9.2. Ҳама гуна эътирозҳо дар бораи баргузории Викторина ба e-mail: info@babilon-m.com фиристода мешавад. Санаи ба қайдгирии эътироз санаи дарёфти он ҳисобида мешавад. Иштирокчӣ бояд ба таври муфассал ва возеҳу равшан моҳияти эътирозро баён кунад. Эътироз бояд шомили насаб, ном ва номи падари Иштирокчӣ, рақами телефон барои тамос ва рақами телефоне, ки аз он SMS-паёмак фиристода шуда буд, мундариҷаи SMS-паёмак, сана ва замони ирсоли SMS-паёмак, суроғаи электронии Иштирокчӣ ҷиҳати ирсоли посух ба эътирози ӯ бошад.
9.3. Дар сурати норозӣ будани Иштирокчӣ бо дурустии посухҳо ба саволҳои Викторина, Иштирокчӣ бояд дар шакли хаттӣ эътирозро бо зикр намудани мундариҷаи савол, посухи низом, посухи ба назари ӯ дуруст ва истинодҳо ба сарчашмаҳои расмӣ, ки дар онҳо ин посух дар саволи додашуда зикр шудааст, изҳор намояд.
9.4. Дар сурати аз ҷониби Иштирокчӣ исбот намудани дурустии посухи худ, барои Иштирокчӣ ба таври илова X воҳидҳо ба ҳисоби умумӣ ва холҳо зам карда мешавад.
9.5. Тамоми эътирозҳо дар давоми 10 рӯз аз санаи дарёфти онҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.
9.6. Оператор эътирозҳоро бо такя бар Қоидаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳад.
9.7. Оператор барои вуҷуд надоштани имконияти дарёфти ҷоиза бо айби Иштирокчии ғолиби Викторина масъулияте ба зимма надорад.
9.8. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи нашр гардидани онҳо дар Интернет-сомонаи Оператор: www.babilon-m.com мавриди амал қарор мегиранд. Муштариён дар бораи тағйирот ё қатъ гардидани Қоидаҳои мазкур аз рӯҳи нашри онҳо дар Интернет-сомонаи Оператор: www.babilon-m.com дар мӯҳлати на камтар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то эътибор пайдо кардани чунин тағйирот огоҳ карда мешаванд. Қоидаҳои мазкур аз лаҳзаи зикршуда дар огоҳии дахлдор тағйирёфта ё бекоршуда ҳисобида мешаванд. Агар баъди эътибор пайдо кардани тағйирот Муштарӣ ба суроғаи Оператор дар муддати 10 (даҳ) рӯзи

тақвимӣ аз лаҳзаи нашр гардидани тағйироти Қоидаҳо худдорӣ аз қабул намудани Қоидаҳои тағйирёфтаро равон накарда бошад ва ҳамчунин иштироки худро дар Викторинаи “Омехта ҳарфҳо”, ки тавассути Оператор баъди эътибор пайдо кардани тағйирот таҳти шартҳои нав баргузор мешавад, идома дода бошад, ин гуна тағйрот ҳамчун аз ҷониби Муштарӣ қабулгардида ҳисобида мешавад.